**«Тасдиқ мекунам»**
**ректори МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, доктори илмҳои таърих, профессор Ҷӯразода Ҷ.Х. __________**

**«12» ноябри соли 2019**

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи “Поэтикаи ашъори Гулназар” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Баробари таҳаввули сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон вазъи фикриву фарҳангӣ низ рӯ ба рушд оварда ва адабиёти муосири тоҷик низ соҳиби арзишҳои муайяни адабӣ, тамоюли тоза ва вежагиҳои хоси ҳунарӣ гардид, ки ин навҷӯиву навовариҳо дар осори суханварони муосири мо ба таври барҷаста ҷилвагарӣ доранд. Гулназар аз ҷумлаи суханварони номвари адабиёти муосири тоҷик аст, ки ҳарчанд оғози эҷодиёташ ба солҳои 70-уми асри XX пайванд дорад, дар марҳалаи таҳаввули адабии давраи Истиқлоли Тоҷикистон низ аз ҷумлаи пешравони шеъри муосири тоҷик шинохта шудааст. Таҷрибаҳои ҳунарии Гулназар дар анвои мухталифи шеърӣ – аз фард то дубайтиву рубоӣ, чаҳорпораву ғазал, ашъори нимоӣ ва сапед ба танаввуи эҷодиёти шоир ва таҷассуми тозакориҳо дар ҳар яке аз ин навъҳои шеърӣ ишора мекунанд. Ҳарчанд оид ба вежагиҳои ашъори Гулназар таҳқиқоте дар сурати мақолаву навиштаҳо дар таркиби осори пажӯҳишии адабиёти муосири тоҷик ба миён омаданд, аммо то кунун рисолаи ҷудогонаи илмӣ оид ба поэтикаи ашъори шоир иншо нагардидааст.

Рисолаи Атахон Сайфуллоев “Насри шоиронаи Гулназар” асосан ба таҳқиқи вежагиҳои ҳунарии осори насрии ин адиби барӯманд бахшида шудааст. Рисолаи номзадии Ҳамроев Равшанқул Замонович аз аввалин кӯшишҳои таҳқиқи ҷудогонаи ашъори Гулназар мебошад, ки аз тозагиҳои муайян, ковиш ва самараҳои матлуби илмӣ бархӯрдор аст.

Рисола аз муқаддима, се боб, сездаҳ фасл, ду зерфасл, хулоса ва китобнома иборат аст, ки ҳаҷми умумии он 192 саҳифаро дар бар мегирад. Дар муқаддима диссертант зарурати таҳқиқи мавзӯъ ва дараҷаи омӯзиши онро ба миён гузошта, ҳадафҳои таҳқиқ, арзишҳои назарӣ ва амалӣ, сарчашмашиносӣ ва матолиби меҳвариро муқаррар намудааст.

Боби аввал “Мақоми Гулназар дар адабиёти муосири тоҷик” бахши муҳимтарини рисоларо дар бар мегирад ва аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб “Назаре ба зиндагинома ва эҷодиёти Гулназар” диссертант бар асоси матолиби сарчашмаву қомусҳо ва осори худи адиб шарҳи ҳол ва муҳимтарин тамоюлҳои эҷодии Гулназарро ба таҳқиқ кашидааст. Аз мутолиаи ин фасли диссертатсия бармеояд, ки он асосан характери тавсифӣ дошта, дар он зиндагиномаи муфассали адиб ва осори вай вобаста ба риояи меъёри таърихият шарҳу баён ёфтааст. Дар ин замина муҳаққиқ фаъолияти адабии шоирро чун тарҷумон, нависанда, мунаққид, бозгӯкунандаи қиссаву ривоёти манзуми шоирони бузурги мо чун Низомӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, ҳамчунин адиби бачагон баррасӣ намуда, нақши суханвари мумтозро дар эҷоди Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар сохтааст. Асарҳои нависанда, ки ба мукофотҳои давлатӣ ноил шудаанд, дар ин фасли рисола шарҳу тафсир ва аҳамияти адабии онҳо таъкид ёфтаанд. Тамоми маҷмӯаҳои ашъори шоир, китобҳои насрӣ ва таҳқиқии ӯ, тарҷумаи китобҳои шоир бо забонҳои дунё ва тарҷумаҳои анҷомдодаи ӯ, инчунин давраҳои эҷодии суханвар аз айёми наврасӣ то камолот дар ин фасл мураттаб шарҳу баён шудаанд.

Фасли дувуми боби аввал “Марҳалаҳои эҷодӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии шеърҳои Гулназар” унвон дошта, дар он асосан

давраҳои эҷодӣ ва муҳимтарин мавзӯоти ашъори шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Диссертант эҷодиёти шоирро ба ду давра – Шӯравӣ ва Истиқлол ҷудо намуда, сипас роҷеъ ба вежагиҳои ин мароҳил изҳори назар намудааст. Вобаста ба таҳлилҳои анҷомдода ба хулосае расидааст, ки "ҳар давраи эҷодиёти шоир аз дигараш аз нигоҳи муҳтаво, мавзӯъ ва такомули ҳунари шоирӣ ба куллӣ фарқ мекунад, ки мо мехоҳем ба ин масъала андаке рӯшанӣ андозем. Агар ба таври хулоса баён кардани фарқияти ин марҳилаҳо мумкин бошад, пас метавон гуфт, ки дар ашъори замони Шӯравӣ сурудаи Гулназар таъсири идеологияи ҳизби ҳукмрони коммунист ва методи реализми сотсиалистӣ эҳсос мешавад, аммо Гулназар чун шоири озодандеш дар ҳамон замон низ бисёр қолабшиканиҳо кардааст. Ақоиди худшиносиву худогоҳии миллӣ дар ашъори ӯ ба мушоҳида мерасанд. Дар ашъори солҳои Истиқлолияти давлатӣ эҷоднамудаи Гулназар маҳдудиятҳои эҷодӣ ба назар намерасанд. Дар ҳар шеър рӯҳи ворастаи шоир таҷаллӣ мекунад" (дисс. саҳ. 23).

Сипас, муҳимтарин мавзӯоти ашъори шоир дар ду давра мавриди тадқиқ қарор гирифта, дар ҷараёни баррасии ин масъалаи меҳварӣ равиши таърихият риоят шудааст. Ба ибораи дигар, муҳаққиқ ба натиҷае расидааст, ки Гулназар дар оғози эҷодиёташ бештар сурудҳои бачагона офарида, баъдан васфи деҳа, манзараҳои табиати он, хосатан баҳори кӯҳистон, тасвири айёми кудакӣ, ситоиши Ватан, саҳми тоҷикон дар пирӯзӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, истикбол аз истиқлоли миллӣ, худшиносӣ, забон, фарҳанг, чеҳраҳои бузургони адабиёти гузашта ва амсоли ин накши муҳим касб намудаанд.

Дар идомаи баррасӣ, ки мантиқан давоми баҳсҳои ҳамин фасли диссертатсия аст, муҳаққиқ ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори Гулназарро ба таҳқиқ кашидааст. Нахуст омилҳои аслии нуфузи ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар шеъри Гулназарро муқаррар намуда, баъдан муҳимтарин мавзӯоти он, аз ҷумла, мушкилоти солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ҷангу

парешонӣ, зарурати таҳкими ваҳдати миллӣ, тантанаи сулҳ, мушкилоти иҷтимоии ҷомеа ва амсоли инро шарҳу тафсир намудааст. Дар ин қисмати рисола мундариҷа ва ғояву вежагиҳои аслии Суруди миллии Тоҷикистон чун намунаи равшани шеъри иҷтимоии Гулназар хеле ҷолиб шарҳу тафсир ёфтааст. Муаллиф ба ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори шӯравии шоир низ руҷӯъ кардааст.

Боби дувуми рисола "Гулназар – шоири навгаро" унвон дошта, матолиби меҳварии он дар шаш фасл фароҳам омадааст. Нахуст нақш ва мақоми Гулназар дар такомули шеъри муосири тоҷикӣ муқарррар шуда, замина ва омилҳои дарёфти ин мақоми ҳунарӣ ва навгароиву навоварии шоир ба табиати тозаҷӯии ӯ, мутолиаи фарох аз адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири форсизабонон ва ҷаҳон алоқаманд шудааст. Дар канори ин, яке аз муҳимтарин вежагиҳои шеъри Гулназарро муҳаққиқ дар рӯҳи тоҷикона доштани он муқаррар намуда, ки боиси ҷойгоҳи хос дарёфтани сурудаҳои шоир дар адабиёти муосир гардидааст. Арзиш ва аҳамияти илмии ин боб дар он ба зуҳур мерасад, ки диссертант тозакориҳои шоирро дар ҳар навъи шеърӣ – ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, шеъри озод, шеъри сапед бо далелу санад баён кардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ бахси кӯҳна шудани ғазалро, ки гурӯҳе аз мунтақидон ва шоирони қаламрави кишварҳои форсизабон, аз ҷумла Аҳмади Шомлу, Нодирпур, Симини Беҳбаҳонӣ ва дигарон ба миён гузоштаанд, ба риштаи таҳлил кашида, баъдан мулоҳизоти хешро дар асоси ғазалиёти Гулназар ва тозагиҳои он баён доштааст. Ба андешаи диссертант, ҳатто Симини Беҳбаҳонӣ, ки дар сурудани ғазали муосир дасти тавоно дорад, бар ин ақида аст, ки "мушкили ғазали имрӯз тақлид аст. Муҳтавои ғазали имрӯз бояд завобити ғазали қадимро ба дасти фаромӯшӣ биспорад" (дисс. саҳ. 63). Баробари ин, дидгоҳҳои гурӯҳи дигар, аз ҷумла Шафеии Кадканӣ ва дигаронро, ки ба ҷовидонии ғазал эътимод доранд, ба таҳлил кашида, аз ин роҳ низ матолиб ва дидгоҳҳоеро бар пояи намунаҳои ғазалиёти шоир Гулназар собит кардааст. Вобаста ба ин,

диссертант ҳатто бархе аз ғазалиёте, ки шоир дар вазнҳои маъруф дар шеъри классикии тоҷик ё ба истиқбол аз авзони шеърии суханварони дигар сурудааст, намуна оварда, дар асоси муқоиса тозакориҳои ӯро нишон додааст. Зимни муқоиса маълум мегардад, ки Гулназар бар асоси кам ё зиёд намудани як рукн аз вазни ғазали мавриди истиқбол дар сохтмони он тозагие эҷод намудааст ё дар ҳамон вазн ба мавзӯи комилан дигар ғазал сурудааст. Ҳатто як ибдои Гулназарро муҳаққиқ дар сурудани ғазал дар қолаби шеъри озод муқаррар намуда, намунаҳое барои он (дисс. саҳ. 71) овардааст, ки воқеан ба тозакориҳои ӯ ишора мекунад. Ҳамин шеваи баррасӣ дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқи дигар жанрҳои суннатии шеър идома ёфтааст. Нақши Гулназар дар сурудани шеърҳои озод ва сапед низ дар ин боби рисола бар асоси намунаҳои мушаххас муқаррар шудааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки нахуст диссертант бар асоси чанд пажӯҳише, ки шоир дар бораи ашъори Лоиқ Шералӣ ва Қутбӣ Киром анҷом додааст, дидгоҳу назари ӯро дар бораи шеъри нав ва нақши ин шоирон ба риштаи таҳлил кашида, баъдан мақоми суханварро дар баробари ин адибон дар эҷоди ин навъи шеър муайян кардааст. Дар ҷараёни таҳлилу баррасии ашъори сапед ё мудерни устод Гулназар бар асоси китоби “Лолахо дар ёлаҳо” махсусияти фарққунандаи ин навъ ашъори шоирро дақиқ дар шеваи баёни кӯтоҳ ва аз як то чаҳор мисраъ будани онҳо муқаррар карда, таъкид медорад, ки худи шоир ин гурӯҳи ашъорашро “хусравонӣ” унвон дода, ҳатто дар китоби “Туву хубиву раъноӣ” бахшеро бо номи “Дафтари хусравонӣ” ба шеърҳои сапед бахшидааст. Муҳимтарин вежагиҳои ҳунариву мавзӯии ин навъ ашъор низ дар фасли шашуми ин боби рисола бар асоси таҳлили қиёсӣ бо намунаҳои ашъори шоирони ҳамзабон шарҳу тафсир ёфтаанд, ки ҷойгоҳи Гулназарро дар такомули шеъри сапеди тоҷик муқаррар мекунанд.

Боби савуми рисола “Падидаҳои ҳунарӣ дар ашъори Гулназар” унвон дошта, матлабҳои аслии таҳқиқӣ дар чаҳор фасл ва ду зерфасл

баён гардидаанд. Нахуст диссертант мабоҳиси илмии хешро дар ин боб аз вежагиҳои забони шеъри шоир оғоз бахшидааст. Дар ин замина оид ба масъалаи ҷанбаи қавии таносуби сухан дар забони шеъри Гулназар мулоҳизаронӣ намуда, муҳаққиқ асари доираи фарохи мутолиаи шоирро аз ашъори адибони гузашта ва имрӯз таъкид доштааст. Дар баробари ин, нақши шоир дар офариниши таркиб ва ибораҳои тоза, ки ба ғанои таркиби луғавии забони тоҷикӣ омил мегардад, бар асоси таҳлили силсилаи ашъор ва зикри намунаҳо муқаррар ва мушаххас шудааст, ки бегумон яке аз арзишҳои муҳими илмии рисола дар ҳамин ҷустуҷӯҳои муаллифи он ба ҷилва омадааст. Ҳамзамон, хидмати устод Гулназар дар эҳёи вожагони ноби классикӣ, ки муддате бар асари омилҳои муайян аз муомилоти забонӣ берун монданд, ба риштаи таҳқиқ омада, тавассути намунаҳои шеъри шоир ин андешаҳо муайян гардидаанд.

Барои дақиқ намудани ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Гулназар муҳаққиқ дар ҷараёни таҳқиқ шеваҳои корбурди саноеи бадеие чун истиора, ташбеҳ, тавсиф, муболиға, талмеҳ, таҷоҳули ориф ва амсоли инро нишон дода, ҷойгоҳи ин навъ воситаҳои тасвири бадеиро дар таҳкими назокат ва рангорангии каломи шоир муайян кардааст. Хосатан, таҳқиқи диссертант дар боби тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Гулназар қобили таваҷҷуҳ аст, зеро ҳарчанд ҷойгоҳи ин навъ тасовир дар шеъри классикии мо то ҷое таҳқиқ шудааст, аммо дар шеъри муосир ҳанӯз ба таври зарурӣ ба анҷом нарасидааст. Муаллифи рисола бо руҷӯъ ба намунаҳое аз ашъори шоирони классикии форсу тоҷик, чун Саноиву Мавлонову Бедил баъдан шеваҳои хоси ин навъ тасовирро дар каломи Гулназар ва ҳатто тозакориҳои ӯро дар ин арса ба намоиш гузоштааст. Ҷойгоҳи сувари хаёл ва мусиқии шеър барои тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Гулназар низ ба таври возеҳ ва мустанад дар диссертатсия ба риштаи таҳқиқ гирифта шудаанд. Дар мисоли субҳ муҳаққиқ хунари шоирии Гулназарро дар шеваҳои хоси тасвирофаринӣ ва тозакориҳо дар

бозтоби шоиронаи авзои зиндагонии инсон ба ҷилва овардааст, ки ин равиши таҳқиқи ӯ қобили мулоҳиза ва истикбол аст.

Дар хулоса муҳимтарин натиҷаҳо дар 16 банд баён шудаанд.

Дар маҷмӯъ, рисола бар асоси ба кор гирифтани сарчашмаҳои нодир, осори назарии таҳқиқӣ ва, аз ҳама муҳимтар, фарогирии маҷмӯаҳои ашъори Гулназар ба миён омада, аз тозагии фаровон ва арзишҳои муҳими илмӣ бархӯрдор аст. Ин таҳқикот воқеан пажӯҳиши тоза дар шинохти ашъори Гулназар ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик мебошад.

Дар баробари ин дастовардҳо дар рисола бархе камбудиҳо низ ба чашм расиданд, ки дар оянда ба эътибор гирифтани онҳо ба салоҳи кори диссертант хоҳад буд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ дар мукаддима диссертант ба мақолаҳои профессор Атахон Сайфуллоев роҷеъ ба ашъори Гулназар ишора кардааст. Хуб мешуд, дар ин бахш роҷеъ ба асари арзишманди адабиётшиноси мазкур "Насри шоиронаи Гулназар" низ матолибе меафзуд, зеро ин ягона таҳқиқоти мустақил то таълифи рисолаи диссертант роҷеъ ба эҷодиёти Гулназар ба шумор меравад. Ҳарчанд ин асар дар феҳристи адабиёти рисола оварда шудааст.
2. Фасли аввали боби аввали рисола, ки ба зиндагиномаи Гулназар бахшида шудааст, тафсилоти бештар дорад. Чун рисола поэтикаи ашъори Гулназар унвон дорад, ихтисор намудани ин фасл ба салоҳи кори диссертант аст.
3. Дар баррасии нукоти аслии рисола таъйини ҷойгоҳи ғазал, рубоӣ ва шеъри сапед ҷойгоҳи махсус дорад, ки диссертант нахуст ба сайри таърихии ин навъ ашъор шурӯъ аз адабиёти классикӣ то замони шоир руҷӯъ мекунад. Ба чунин кор то як андоза зарурат нест, зеро дар навбати аввал ин мабоҳиси ҳалшуда ва таҳқиқёфтаанд. Илова бар ин, ҳаҷми рисола ҳам бе ин ишорот ба меъёрҳои таълифи диссертатсия мутобиқат дорад.

4. Дар феҳристи адабиёти рисола бархе аз сарчашмаҳо ба таркиби осори таҳқиқӣ оварда шудаанд. Аз ҷумла: 59. Бобо Тоҳир. Таронаҳо / Бобо Тоҳир.–Душанбе: Адиб, 1992.–80 с.; 60. Бедил, Абдулқодир. Осор / Абдулқодир Бедил.–Душанбе: Адиб, 1990, ч. 1.–704 с. Ҳол он ки ин осор бояд дар қисмати сарчашмаҳо ҷой дода шаванд.
5. Дар рисола бархе ғалатҳои имлоиву техникӣ низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо боз ҳам афзудани арзиши илмии рисола мусоиданд.

Ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳамияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Ба таври умум, метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи “Поэтикаи ашъори Гулназар” ба асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Автореферат ва китобу мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мухтавои диссертатсияро ифода карда метавонанд.

Рисола ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар маҷлиси кафедраи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МТД “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар таърихи 12-уми ноябри соли 2019, қарори №4 бо иштироки диссертант Ҳамроев Равшанқул Замонович муҳокима ва тасдиқ гардид.

Иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – 0 нафар, бетараф – 0 нафар.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
адабиёти муосири тоҷики МДТ
“ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
номзади илмҳои филологӣ Аъзамов С.

Эксперт, доктори
илмҳои филологӣ, профессор Мирзоюнус М.

Котиби ҷаласа Шукурова З.

Имзои Аъзамов С. Б.,
Мирзоюнус М. ва Шукурова З.-ро
тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ "ДДХ
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ашрапова З.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: +992927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru